# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100–фалсафа ва 6D020600–диншиносӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсисёфта, доир ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Закарёи Розӣ ва Насириддини Тусӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, докторант аз рӯйи ихтисоси 6D020100–фалсафа**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор Диноршоева З. М. (09.00.03 - таърихи фалсафа), раиси комиссия;**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёев И. Ғ. (09.00.03 - таърихи фалсафа), аъзои комиссия;**

**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, Раҳимов С. Х. (09.00.03 - таърихи фалсафа), аъзои комиссия;**

Диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Закарёи Розӣ ва Насирддини Тусӣ" яке аз масъалаҳои муҳими таърихи фалсафа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти ҷомеаи муосири Тоҷикистон мусоидат карда метавонад. Дар шароити давлатдории нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ахлоқ ҳамчун арзиши миллии ананавӣ моҳияти худро то ба андозае нигоҳ дошта, ки мо онро дар ҳаёти маънавии ҷомеа эҳсос менамоем. Аз тарафи дигар, бо тағийрёбии ҳайёти иҷтимой-фарҳангӣ дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ косташавии ахлоқ мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, роҳҳои ҳалли ин мушкилотро ба равишҳои гуногун ва бо такя ба марҳилаҳои инкишофи фалсафаи ахлоқӣ метавон дар ин рисола дарёфт намуд, ки аз муваффақиятҳои рисола маҳсуб мешавад.

Ба ақидаи дисертант, таҳқиқи илмии андешаҳои фалсафаи ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ барои инкишофи ҷавонон имрӯзаву оянда ва беҳтар намудани сатҳи тарбияи ахлоқӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Илова бар ин, истифодаи амалии афкори ин ду мутафаккир бар зидди андешаҳои иртиҷоиву манфи замони муосир хеле самарабахш ба ҳисоб меравад.

Диссертант фалсафаи ахлоқро аз назари мутафаккирон таҳлил ва баррасӣ намуда, моҳияти фалсафаи ахлоқии Закарёи Розӣ ва Насриддини Тусиро барои сатҳи пешрафти ахлоқии ҷомеаи муосир ва тадриси он ба насли имрӯзаву онда хеле мусоидаткунанда медонад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки мутафаккирони тоҷик дар ин давра ақидаҳои мухталифи фалсафаи ахлоқро пешниҳод намудаанд, ки диққатҷалбкунанда буда, дар инкишофи фалсафаи ахлоқии ҷаҳонӣ нақши бориз гузоштаанд. Афкори ахлоқии ин ду мутафаккир, ки дар ин рисола таҳлил гардидааст, заминаи ташаккул ва инкишофи маънавиёти миллату халқиятҳои мухталиф дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, он дорои аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи илмии афкори фалсафаи ахлоқии Розӣ ва Тусӣ барои инкишофи имрӯзу ояндаи соҳаи илми фалсафа ва беҳтар намудани сатҳи ахлоқӣ дар ҳаёти маънавии кишвар мусоидат менамояд. Илова бар ин, истифодаи амалии афкори мутафаккирони тоҷику форс бар зидди андешаҳои иртиҷоиву манфии замони муосир хеле саривақтӣ аст.

Дар диссертатсия нисбати таҳқиқи назарияи ахлоқ сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода шуда, онҳо аз ҷиҳати илми ва амалӣ дар асоси усули муқоисавӣ вобаста ба шароити муосир таҳлил шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абубакри Мирзоаҳмади Грезода имконият медиҳад, ки қонуниятҳо ва тамоюлҳои асосии раванди ахлоқ ва пешгирии онро аз косташавӣ дар шароити муосири муносибатҳои ҷамиятӣ мадди назар намоем.

**Дар диссертатсия ба таври мушахас навгониҳо зерин муайян шудааст:**

- бори нахустин таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насириддини Тусӣ анҷом дода шуда, муҳимтарин хусусияти онҳо ошкор карда шудааст.

- дар натиҷаи таҳлили муқоисавии анҷомёфта, муайян шудааст, ки Насириддини Тусӣ системаи ратсионалистии Абубакри Розиро дар баррасии масоили ахлоқӣ тақвият додааст;

- таъсири афкори ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насирддини Тусӣ ба инкишофи афкори минбаъдаи фалсафаи ахлоқи ватанӣ ва хориҷӣ муайян карда шудааст:

- аҳаммияти амалии таълимоти ахлоқии Абубакри Розӣ ва Насирддини Тусӣ дар рушди фалсафаи ахлоқии муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи ахлоқии насли наврас дар шароити муосир нишон дода шудааст.

**Аҳмияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар таҳлили ҳаматарафаи масъала, муносибати системаноку объективият зоҳир мегардад. Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти мазкурро афкори мутафаккирони тоҷику форс оид ба тарбияи ахлоқӣ, фалсафаи ахлоқӣ, осори илмӣ-фалсафӣ ва ахлоқӣ ташкил менамоянд. Бинобар ин, муаллиф ба афкори мутафаккирони тоҷику форс, аз қабили: А. Розӣ, Н. Хусрав, Ҷ. Давонӣ, Ибни Мискавайҳ, А. Ҷомӣ, А. Дақиқӣ, А. Берунӣ, А. Форобӣ, Ибни Сино, А. Бадавӣ, Ғаззолӣ, Ибни Муқаффаъ, М. Хоразмӣ, К. Қазвинӣ ва дигарон такя кардааст. Диссертант ба методҳои умумиилмӣ ва махсус такя намуда, аз методҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ ва сохторӣ васеъ истифода намудааст.

Пешниҳодҳои мавзӯи таҳқиқотии муаллифро метавон барои машғулиятҳо аз фанҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, этика ва эстетика педагогика ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуд. Ба ғайр аз

ин, маводи таҳқиқотиро метавон дар мубориза бар зидди афкори тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода кард. Ин маводи таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои мухталифи фалсафаи ахлоқиро дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои олии таълимӣ ба таври дақиқ ва саҳеҳ дарк карда, ҳамчунин самаранокии ин раванд таъмин карда шавад. Аз тарафи дигар, дар амалия татбиқ намудани фалсафаи ахлоқии ин ду мутафаккир барои ташхиси мушкилоти aзнавсозӣ ва ислоҳоти ахлоқии ҷавонони имрӯза хеле муфид мебошад.

Бо матни рисолаи тадқиқотии Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Закарёи Розӣ ва Насириддин Тусӣ" шинос шуда, чунин натиҷабарори кардан мумкин аст, ки диссертант, на танҳо фалсафаи ахлоқии ананави ва хусусиятҳои онро, балки муҳимияти ахлоқ ва косташавии онро дар шароити тағийрёбии ҷомеаи муосир мавриди тадқиқ қарор дода, роҳҳо ҳали мусбии онро низ баррасӣ намудааст. Дар натиҷа камисия ба чунин хулоса омад;

1. Рисолаи таҳқиқшуда ба талабаботи илмии соҳаи фалсафа ҷавобгӯ буда, моҳияти воқеияти фалсафаи ахлоқиро дуруст иникос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили воқеӣ, таърихӣ ва муосири ахлоқ, омилҳои асосии инкишофёбии ахлоқ ва роҳҳои асосии бартараф кардани онҳо дар ҳаёти ҷомеаи муосир, ҳамчун таълимоти фалсафӣ ба ихтисоси 6D020100- фалсафа мувофиқат мекунад;

2. Мазмуни автореферат муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд;

3. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти рисола, хулоса ва тавсияҳои Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар 4 мақолаи илмии ӯ, ки дар маҷалаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст;

4. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи

давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода мутахасисони зерин таъйин карда шаванд:

– Раҳимов М. Ҳ. – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фаннҳои ҷомеашиносии ДТТ ба номи М.С. Осимӣ;

– Бердиев Ш. П. – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

6. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

7. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /___________/ Диноршоева З.М.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /___________/ Зиёев И.Ғ.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /___________/ Раҳимов С.Х.

Имзои / подпись Диноршоева З.М., Зиёев И.Ғ., Раҳимов С.Х.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.________ (имзо/подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY